# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-94-и назди МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода» ба диссертатсия Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назарияи ва методикаи таълими мусиқӣ).

Дар хулосаи комиссияи экспертӣ масъалаҳои зерин баррасӣ гардиданд:

- таҳқиқоти диссертатсионии Шарофидинзод М.Ш., дар мавзуи "Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯи ихтисос 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ, (6D010601 Назария ва методикаи таълими мусиқӣ) бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ мутобиқат мекунад.

Таълифоти нашршудаи довталаб, ки дар 25-то мақола баён гардиданд, аз ҷумла 6 - тои онҳо дар матбуоти даврии тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конференсияҳои байналмилаллӣ дар Федератсияи Россия, 4 мақола дар конференсияи байналмиллалии дар шаҳри Тошкент ва 3-мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе пурра инъикос ёфта шудаанд.

Муҳақиқ вазъи таҳқиқоти илмӣ – педагогӣ ва таҷрибаи муассисаҳои муосири таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти иловагии хонандагон, оилаҳоро дар тарбияи мусиқӣ-эстетикӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, ба навоварии зерин ноил гардидааст:

-роҳҳои самарабахши ташкил ва истифодаи ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули мусиқӣ-эстетикии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ муайян карда шудаанд;

-воситаҳои мақсаднок ва мунтазами педагогии таълими мусиқӣ ҷорӣ карда шуданд, ки ба баланд бардоштани шавқи хонандагон ба мусиқӣ ва мусиқӣ-эстетикӣ нигаронида шудаанд;

-муносибати ташкил ва истифодаи фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ дар муассисаҳои таълимӣ асоснок карда шудааст;

-тибқи консепсия шароитҳои педагогӣ ва психологии ташаккули фарҳанги мусиқӣ-эстетикӣ дар хонандагон муайян карда шудаанд;

-роҳҳои оптималии ташкили фаъолияти таълимӣ ва эҷодии хонандагон дар дарс-консертҳо нишон дода шудаанд;

-тавсияҳои илмию методӣ омода ва пешниҳод карда шуданд;

-муайян карда шудаанд, ки барои мустаҳкамсозии рағбат ба мусиқӣ ва шаклҳои дигари санъат истифодаи методи интерактивӣ, бозиҳои мусиқӣ, иҷрои бадеии ролҳо ва дигар усулҳои фаъол муҳим ба шумор мераванд;

-муайян гардид, ки истифодаи анъанаҳои бойи фарҳанги миллӣ дар дарсҳои мусиқӣ ва дигар шаклҳои санъат дар завқи мусиқӣ-эстетикии хонандагон муҳим мебошад.

Дар баробари ин, диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест, аз ҷумла:

1. Дар истифодаи мафҳумҳои мусиқӣ, аз қабили “тембри овоз”, “регистри овоз”, “сурудхонии стихиявӣ”, “мутатсия” ва ғ. шарҳи дурусти онҳоро додан лозим аст.

2. Дар боби 3 кори диссертатсионӣ, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертант дар макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ оварда шудаанд, тартиби ҷадвалҳо ва диаграммаҳо бояд саҳеҳтар нишон дода шаванд.

Камбудиҳои дигаре низ ҳастанд, ки таассуроти умумии мусбати кори пешниҳодшударо паст накардаанд - инҳо, хатогиҳои техникӣ ва масъалаҳои таҳрирро дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи “Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯи ихтисос, 6D010600-

Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назарияи ва методикаи таълими мусиқӣ) сазовор буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6DКОА-94-и назди МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода пешниҳод карда шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидинро дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯи ихтисос, 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назарияи ва методикаи таълими мусиқӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаи илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Шарофидинзод Муслиҳиддин Шарофидин дар мавзуи «Шартҳои педагогии ҳамкории мактаб ва оила дар тарбияи мусиқӣ-эстетикии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯи ихтисос, 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назарияи ва методикаи таълими мусиқӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2.Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D010600-Таҳсилоти мусиқӣ (6D010601-Назарияи ва методикаи таълими мусиқӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Юлдашева Мавжуда Рахматовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи санъатшиносӣ ва назарияи мусиқии (ҳамкор), МТД “ДДФСТ ба номи М.Турсунзода”, ш. Душанбе.
- Алиев Асрор Бахридинович, номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), Суроғаи ҷойи кор: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Нисор Муҳаммад 13а. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи “Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат”, сармутахассис оид ба таҳсилот.

  Телефон: (+992) 918 82 85 41.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муасисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

номзади илмҳои педагогӣ Хайруллозода Б.Х.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

номзади илмҳои таърих Муминова Ҳ.А.

номзади илмҳои педагогӣ Назарова З.Э.

«29» 11 соли 2025

ШУЪБАИ КАДРҲО / ОТДЕЛ КАДРОВ

Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси

МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода» ____________ Нуриддинзода Ф.

«29» 11 соли 2025